# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар, Аморати Муттаҳидаи Араб)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

Дастовардҳои илмӣ-техникии имрӯз ҷаҳонро чунон густурда фаро гирифтааст, ки хурдтарин хабар дар кӯтоҳтарин фурсат ба дуртарин гӯшаи сайёраи замин мерасад. Ҳамин аст, ки. захираи муҳимтарин ва асосии ин ҷомеа иттилоот ба ҳисоб меравад ва асри кунуниро асри иттилоот меноманд. Инсон, сарфи назар аз он ки дар куҷо ва ба чи кор машғул аст, хоставу нохоста дар ҷомеаи иттилоотӣ кору фаъолият мекунад ва вобаста ба чигунагии муносибаташ ба иттилоот, на танҳоояндаи худ, балкиояндаи миллат ва мамлакатро метавонад ҳадс занад.

Табиист, ки воситаҳои ахбори омма вобаста ба пешниҳоди иттилоот аз нигоҳи эътимоднокиву мақсаднокӣ аз ҳамдигар тафовут доранд ва дар ин миён агентиҳои миллии иттилоот ба унвони оинаи акснамои рӯйдодҳои дохиливу хориҷии кишвар ва баёнгари расмии мавқеи ҳукумат баромад менамоянд ва дар онҳо хабару мақолаҳо на аз рӯйи эҳсосоти инфиродии ин ё он рӯзноманигор ва такя ба сарчашмаҳои ғайримуътамаду эҳтимолӣ, балки дар асоси фактҳои санҷидаву раднашаванда ва ифодагари мавқеи ҳукумат ба нашр расонида мешаванд.

Вобаста ба ҷойгоҳи иттилоот дар зиндагии рӯзмарра, ҳамзамон, нақши ангентиҳои миллии иттилоот дар тасвири муносибатҳои байнидавлатии кишварҳо таҳқиқи мавзуи «Нақши ВАО

дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар, Аморати Муттаҳидаи Араб)», ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмии докторӣ Қаландаров Сарабек Давлатёрович зарурӣ ва саривақтӣ ба шумор меравад. Чи тавре аз таъкиди зери довталаб маълум мешавад, «объекти таҳқиқро ВАО-и Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс, бахусус, Агентии иттилоотии Саудӣ, Агентии иттилоотии Қатар, Агентии иттилоотии Аморот, инчунин, АМИТ “Ховар”, расонаҳои даврии АИ “Азия-Плюс” ва сомонаи “Pressa.tj” ташкил медиҳанд» (автореферат, с.9). Чи тавре дида мешавад, ба истиснои ду номгӯи ахир объеки асосии таҳқиқро агентиҳои миллии се давлати арабӣ ва Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар раванди таҳлил ва баррасии масъалаҳои автореферат тамоми сабку услуб ва меъёрҳои илмӣ истифода карда, ҳангоми таҳлилҳои илмию амалӣ иқтибосоту намунаҳои илмиро бештар аз маъхазу сарчашмаҳои тоҷикӣ, русӣ ва арабӣ овардааст.

Дар муқаддима довталаби дараҷаи илмӣ аҳаммияти омӯзиши мавзуъро асоснок намуда, оиди дараҷаи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, навоварии таҳқиқот ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дуруст пешниҳод кардааст.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки таҳқиқ фарогири чор боб буда, ҳар боб дар навбати худ фарогири аз ду то се фасл мебошад. Робитаи байни бобҳо мантиқӣ буда, яке такмилдиҳандаи дигар қарор гирифтааст. Довталаби дараҷаи илмӣ кӯшидааст, ки дар таҳқиқ дар баробари тасвири ҷойгоҳи кишварҳои араб дар ҷаҳони имрӯз ва муносибатҳои давлатии дӯстонаи онҳо бо Тоҷикистон, инъикоси воқеаҳои Тоҷикистонро дар ВАО-и мамолики арабизабони Халиҷи Форс, хусусан, дар агентиҳои миллии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ,

Қатар, Аморотӣ Муттаҳидаи араб ва бозтоби рӯйдодҳои кишварҳои мазкури арабиро дар ВАО-и тоҷик, ба вижа АМИТ «Ховар» таҳлилу баррасӣ намудааст.

Натиҷаҳои гирифтаи довталаби дараҷаи илмӣ аз таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи хабару иттилоот воридшуда дарак медиҳад. Масалан, таъкиди довталаби илмӣ дар мавриди он ки «Дар қиёс бо дигар агентиҳои иттилоотии араб АИА дар инъикоси воқеаву рӯйдодҳои Тоҷикистон мавқеи беғаразона ва ҳамзамон нисбатан бетафовутона дорад. Он ба раванди муносибатҳои Тоҷикистон ва Аморотӣ Муттаҳидаи Араб таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, оид ба муносибат ва ҳамкориҳои онҳо маводи зиёд ба табъ расонидааст, ки дар муаррифии Тоҷикистон ба ҷаҳони араб нақши муҳим бозидаанд» (автореферат, с.26), ишора ба он мекунад, ки мавсуф 2219 маводеро, ки дар давоми солҳои 2014-2024 дар агентиҳои давлатҳои араб ба нашр расидаву аз нигоҳи оморӣ 1132 (51 %) ба АИС, 734 (33 %) ба АИҚ ва 353 (16 %) ба АИА рост меояд, ҳамаҷониба ва мӯшикофона таҳлилу баррасӣ кардааст.

Автореферат тибқи талабот таҳия шуда, дорои арзиши баланди илмӣ мебошад, вале агар бархе пешниҳодҳои эродгунаи зер дар он ба назар гирифта мешуд, арзиши илмии он боз ҳам баландтар мегардид:

1.Агар дар автореферат бархе аз диаграммаву графикҳое, ки дар диссертатсия оварда шудааст, ворид карда мешуд, ба мақсад мувофиқ буд;

2.Дар охири автореферат 144 номгӯи адабиёт оварда шудааст, ки ба назари инҷониб овардани ҳамаи он зарурат надошт;

3.Дар китобати баъзе ибораҳои арабӣ хатоҳо ба мушоҳида расиданд. Ҳамчунин дар саҳифаи 10 ҳангоми овардани номҳои агентиҳо калимаҳо пешу пас омадаанд.

Хулоса, мазмун ва мундариҷиа автореферати диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар, Амороти Муттаҳидаи Араб)» муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос намуда, сохтор ва мундариҷаи он ба талаботи бандҳои 32-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи
филологияи араби факултети
забонҳои шарқ Ғаффорова У. А.
Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, микрорайони 31, хонаи 6, ҳуҷраи 16
Тел. +992 (34) 2251537; дастӣ: (992) 927808850.
Email: umedagafari1@mail.ru

Имзои доктори илмҳои филологӣ, профессор У.А. Ғаффороваро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадр ва корҳои махсуси
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Сайдуллозода З.С.

Маълумот барои тамос.
Нишонӣ: 735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел-факс 6-5273; моб: 92-805-70-07,
сомонаи расмии муассиса: www.hgu.tj;
E-mail: rektor@hgu.tj
«15» сентябри соли 2025